Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302) – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

Дар қарни Х1Х баробари пайдо шудани методи муқоисавӣ – таърихӣ як гурӯҳ муҳаққиқон бо истифода аз ин усул чанде аз забонҳои оилаи ҳиндуаврупоиро мавриди тадқиқ қарор доданд ва пажуҳишҳои эшон барои густаришу тавсеаи ин қисмати илми забоншиносӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Замони шуравӣ бо истифода аз методи муқоисавӣ тадқиқотҳои сершуморе арзи ҳастӣ намуданд, ки муҳаққиқон дар онҳо забонҳои алоҳидаро пурра ва ё баъзе қисматҳои онҳоро дар қиёс бо ҳамдигар аз назари тадқиқ гузарониданд. Дар даврони Истиқлолият низ ин анъана идомат пайдо намуда, хусусиятҳои лексикиву грамматикии забони тоҷикӣ дар қиёс бо чандин забон омӯхта шуданд. Аз ҷумла диссертатсияи Ҳусайнова Фарида Бозоровна дар мавзуи «Категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ» аз зумраи ҳамин тадқиқотҳои арзишманд маҳсуб меёбад.

Хусусиятҳои феъл дар забони тоҷикӣ аз ҷониби олимоне чун А. З. Розенфелд, Е. Е. Бертелс, В.С. Расторгуева, Б. Сиёев, Н. Маъсумӣ, Б. Ниёзмуҳаммадов ва Л. Бузургзода, Ш. Рустамов, М. Н. Қосимова, Д. Саймиддинов, А. Ҳасанов, Ж. Гулназарова, Х. Ҳусейнов, С. Ҳалимиён ва дигарон омӯхта шуда, муҳаққиқони хориҷӣ В. Д. Аракин, Л. С. Бархударов, Р. В. Басова, М. Я. Блох, А. В. Бондарко, Г. Н. Воронсова, В. Г. Гак, Б. А. Илиш, С. А. Недобух ва ғ. дар ин замина тадқиқот анҷом дода бошанд ҳам, вале категорияи шахсу шумора дар забони тоҷикӣ ва васоити ифодаи он дар забони англисӣ аз назари эшон барканор монда буд, ки Ф.Ҳусайнова бо пажуҳиши диссертатсионии худ мубрам будани ин масъаларо собит намуд.

Ф. Ҳусайнова сохтори рисолаи худро аз муқаддима, се боб, хулоса, номгӯйи адабиёт бо зербахшҳои феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда тарҳрезӣ намудааст, ки муқаддимаи он аз рӯи талабот таҳия гардида, дар он масоили муҳимияти мавзуъ, вазоиф, объект, метод, асосҳои назариву амалӣ, сарчашмаи мисолҳо, заминаҳои эмприкии таҳқиқ ва ғайра мавриди баррасиву арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Боби нахуст фарогири масъалаҳои назариявии марбут ба категорияи шахс ва шумора дар низоми феъл мебошад, ки муаллиф дар он афкори олимонро баррасӣ намуда, дар мавридҳои зарурӣ андешаҳои хешро манзур намудааст. Аз муҳтавои ин боб метавон ба натиҷае расид, ки соҳиби рисола аз адабиёти муҳим ва зарурии соҳа воқиф буда, аз тадқиқотҳои дар ин замина ба анҷомрасида дониставу огоҳона суд ҷустааст. Муҳим будани тадқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи мазкур дар забони англисӣ баҳсталаб ва мубрам ба шумор рафта, дар системаи феъл категорияи грамматикии шахсу шумора ниёз ба пажуҳиши мукаммал доранд.

Дар боби дуюми рисолаи мавриди тақриз муаллиф воситаҳои ифодаи категорияҳои шахс ва шумора дар феъли забонҳои тоҷикӣ ва англисиро аз назари тадқиқ гузаронидааст, ки он дорои аҳамияти амалии муҳим мебошад. Зеро диссертант бо такя ба афкори забоншиносони варзида ва маводи фактологии фаровон андешаҳои худро собит намудааст.

Боби сеюми рисола, ки фарогири чаҳор фасл аст, ба баррасии масоили вазоифи категорияҳои шахсу шумора дар низоми дастурии феъли забонҳои тоҷикиву англисӣ бахшида шудааст.

Дар қисмати хулоса муаллифи рисола бардоштҳои худро аз тадқиқи мавзуи мазкур дар бист нукта манзур намудааст, ки ҳар кадоми онҳо дорои асоси илмӣ ва мантиқи қавӣ ҳастанд. Зимни аз назар гузаронидани рисола маълум гардид, ки муаллиф барои таҳияи он басе ранҷ кашидаву онро дар шаклу мундариҷаи дилпазир манзур намудааст, ки забонаш низ салису равон буда, бо истифода аз услуби илмӣ таълиф шудааст. Чунонки маъмул аст, дар ҳамаи рисолаҳои илмӣ, дар баробари дастовардҳо, баъзе камбудиву норасоиҳоро низ мушоҳида намудан мумкин аст, ки рисолаи мавриди тақриз наметавонад мустасно бошад. Дар рисолаи Ф. Ҳусайнова баъзе камбудиву нуқсонҳо мавҷуд аст, ки дар оянда ба назар гирифтани онҳо аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Дар саҳ. 3-4-и автореферати тоҷикӣ аз забоншиносон П.Ҷамшедов, М.Б. Нағзибекова ва А.Тошов иқтибосҳое ба забони русӣ оварда шудааст, ки зикри тарҷумаи тоҷикии онҳо ба мақсад созгор буд;
2. Дар қисмати «Сарчашмаи мисолҳои таҳқиқ» китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих»-и Э. Раҳмон ҳамчун асари бадеӣ зикр шудааст, ки нодуруст мебошад;

Фишурдаи мавриди назар муҳтавои рисоларо инъикос намудааст ва камбудиву нуқсонҳои зикргардида наметавонанд арзиши илмии онро кам созанд. Бинобар ин, ба хулосае омадан, ки муқаддима ва бобҳои рисола

тавонистаанд иттилои арзишмандеро дар бораи категорияи шахсу шумораи феъли забони тоҷикӣ ва воситаҳои ифодаи он дар забони англисӣ инъикос намоянд.

Тадқиқоти мазкур аз рӯйи шакл, муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302) – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ), сазовор мебошад.

**Муқарризон:**

н.и.ф, дотсент, мудири кафедраи
ИНШХ-и забони русии МДТ «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Элназаров Баҳодур Давронович

Тел.: (+992) 92-760-75-54
E-mail: bakhodur_elnazarov1987@mail.ru

н.и.ф., дотсенти кафедраи
умумидонишгоҳии забони
тоҷикии МДТ «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Одинаев Абдуманон Иброҳимович

Тел.: (+992) 92-732-06-02
E-mail: hammor@mail.ru

Имзои Элназаров Б., Одинаев А. И.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Хусейнова Заррина Сайдуллоевна

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров»
телефон: (992-3422) 6-52-73,
«30» августи соли 2024